Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004-и дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рудаки, 17).

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи “Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳон**

Яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити муосир ин баландбардории раванди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқии молиявӣ чӣ дар минтақа ва чӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ дониста мешавад. Таҳкими ҳамкориҳо бо созмонҳои минтақавии молиявӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бениҳоят зарурӣ арзёбӣ гардида, дар барномаҳои гуногуни иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Махсусан бояд зикр намуд, ки рушди иқтисодиёти кишварҳои минтақа, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест, аз маблағгузории созмонҳои молиявии байналхалқӣ ва минтақавӣ вобастагии зиёд дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба ҷалби чунин маблағҳо ниёзи бештар дорад. Вобаста ба ин ҷиҳати боз ҳам густариш ёфтани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои молиявии минтақавӣ ва байналхалқӣ таҳқиқотҳои илмӣ-амалӣ заруранд.

Аз ин рӯ мавзӯе, ки аз ҷониби унвонҷӯ Тағоев М.Р. ҷиҳати таҳқиқот интихоб шудааст, барои рушду инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистон ва пешбурди он муҳим арзёбӣ мегардад. Аз автореферати диссертатсия маълум аст, ки он аз сарсухан, се боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда, феҳристи интишороти илмии муаллиф ва замимаҳо иборат аст.

Чи тавре, ки аз автореферати мазкур дида мешавад, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то паҳлӯҳои гуногуни мавзӯи интихобгардидаро ба таври васеъ ва саҳеҳ ба риштаи таҳқиқ кашад. Бояд қайд намуд, ки дар ин самт муаллиф муваффақ низ гаштааст. Дар баробари ин ҷабҳаҳои назариявӣ ва методологӣ ба таври пурра таҳқиқи амиқи худро ёфтаанд.

Аз автореферат ба назар мерасад, ки Тағоев М.Р. ҳангоми пажӯҳиш густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмонҳои молиявии байналхалқӣ ва минтақавӣ дида баромадааст. Инчунин омилҳои ба ин

раванд таъсиррасон ва бартарафкунии онҳо ба таври возеҳ баррасӣ гардидаанд, ки баҳои илмии диссертатсияро боз ҳам боло мебаранд. Гузашта аз ин, масъалаи зиёд намудани маблағгузориҳои ин созмонҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Бояд қайд намуд, ки такмилдиҳии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ метавонад ба тараққиёбии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварад. Вобаста ба ин натиҷаҳое, ки дар асоси таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ба даст омадаанд, барои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ муҳим мебошанд.

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуктаҳои муҳим, автореферат аз норасоиҳо низ орӣ нест, ки ба ақидаи мо инҳоянд:

1. Механизми оптималии интихоб ва амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсионие, ки аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, дар автореферат нишон дода нашудааст;

2. Дар автореферат яккатор хатогиҳои имлоӣ мавҷуданд.

Эродҳои зикргардида арзиши илмии тадқиқоти муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҷиҳати баланд бардоштани сифати автореферат баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи "Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф бошад, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳон аст.

Тақриздиҳанда:
д.и.и., профессор,
муовини ректор оид ба робитаҳои
байналмиллалии ДДҲБСТ Бобоҷонов Д.Д.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

ДДҲБСТ
имзои д.и.и., Бобоҷонов Д.Д.
тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи
Хоҷаева Г.Ҳ.